**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзӯи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07–Молия муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити имрӯза ҷалби сармоягузорӣ омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ ва тавсеи иқтидори сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мебошад. Бинобар ин, барои ҷалби сармоягузорӣ пеш аз ҳама, дастгирии давлатӣ дар самти сиёсати сармоягузорӣ, муқаррар намудани имтиёзҳои андозиву гумрукӣ зарур мебошад. Ҷалби сармоягузорӣ ва роҳҳои нави васеъ намудани иқтидори сармоягузорӣ барои таъмини рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур мебошад.

Дар автореферати диссертатсия нуктаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудааст. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳои навгонӣ инъикос карда шудаанд. Муҳаққиқи рисолаи номзадӣ тавонистааст асосҳои назариявию методологиро таҳқиқ ва истифодабарии иқтидори сармоягузориро таҳлил намуда, равишҳои асосиро оид ба моҳияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ ва фазои сармоягузорӣ, объектҳо ва субъектҳо, манбаъҳои маблағгузорӣ, инчунин хусусиятҳои онҳоро дар шароити имруза мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Таҳлили васеи мафҳуми «сармоягузорӣ» низ дар автореферат нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар автореферат қайд карда шудааст, ки дар марҳилаи кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ бояд соҳаи аграрию индустриалӣ бошад, ки он бо рушди босуръати пешрафти илмию техникӣ ва сатҳи баланди рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд аст.

Дар дигар банди навгонӣ муҳаққиқ омилҳои муайянкунандаи иқтидори сармоягузории минтақа бо мақсади тасниф ва таҳияи чораҳо оид ба тақвияти онҳо гузаронида шудааст. Бояд қайд намуд, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои аграрӣ буда, қисми зиёди аҳолӣ ба кишоварзи машғул мебошанд. Омилҳои асососии тақвиятдиҳандаи натиҷаҳо ин фазои мусоиди сармоягузорӣ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат баъзе аз норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, аз ҷумла:

1) Муаллиф дар ҷадвали 1 - таҳаввулоти назариявии шарҳи иқтидори сармоягузориро аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ақидаи муаллифии худро пешниҳод намудааст. Аммо, дар шарҳи ҷадвали мазкур муаллиф андешаи худро нисбат ба на ҳамаи олимон баён намудааст.

2) Дар диаграммаи 1-и саҳифаи 17, тамоили дигаргуншавии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҳисор ва Рашт ифода ёфтааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар диаграммаи мазкур ҳиссаи сармоягузории давлатӣ, аҳолӣ ва ташкилотҳоро ба сармояи асосии минтақаҳои Ҳисор ва Рашт ифода менамуд.

Камбудиҳои дар автореферати диссертатсия ҷойдошта характери тавсиявӣ дошта, онҳо наметавонанд аҳамияти илмии таҳқиқотро коҳиш диҳанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, таҳия гардида, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва
ташкили соҳибкории Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Амонов С.С.

Дурустии имзои Амонов С.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

**Суроға:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½
Тел: (+992 37) 2348546
E-mail: a_sahbon@mail.ru